Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-003-и
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, к. Буни Ҳисорак,
шаҳраи донишҷӯён, бинои таълими 7)

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Ҳалимов Иномҷон Мамадҷонович дар мавзуи "Рушди низоми пардохти миллӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт", барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз**

## Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самтҳои илм

Диссертатсия ба талаботи бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз ҷавобгӯ мебошад: 8.3. Пул дар системаи муносибатҳои иқтисодӣ. Шаклҳои пул ва пулҳои қалбакӣ. Пулҳои электронӣ: вижагиҳо, идоракунӣ ва дурнамои рушди онҳо; 8.4. Механизми гардиши пулҳоии нақдӣ ва ғайринақдӣ; 8.5. Равишҳои андозагирии массаи пул: проблемаҳои истифода ва муносибгардонӣ; 8.8. Ташкили системаи самараноки пардохтӣ ва афзори ҳаллу фасли бухрони пардохтӣ.

## Мубрамияти мавзуи диссертатсия

Рушди иқтисодии ҳар як давлат аз сатҳи хизматрасонии пардохтӣ, тавассути низоми пардохт вобастагии зич дорад. Аз ин лиҳоз, низоми пардохт аз ҷониби давлатҳо мунтаззам идора ва танзим карда мешавад. Низоми пардохт яке аз ҷузъҳои асосии низоми пулию қарзӣ ба ҳисоб рафта, дар асоси қоида ва шартҳои пешакӣ қабул ва тасдиқшуда фаъолият намуда, интиқоли пулиро тавассути ташкилотҳои молиявию бонкӣ ва мизоҷони онҳо ба роҳ мемонад.

Таҷрибаи амалӣ намудани таҷдиди иқтисодӣ дар мамлакатҳои мухталиф гувоҳи он мебошад, ки устувор будани низоми пардохт ба қонеъ гардонидани талаботҳои молиявию иқтисодии шахсони алоҳида ва ташкилотҳо дар самти таъмини бехатарии интиқоли пулии онҳо равона шудааст ва он яке аз унсурҳои асосии инфрасохтори муҳими иқтисодиёти бозорӣ ба ҳисоб меравад. Хусусан, низоми пардохте, ки

дар сатҳи зарурӣ рушд ёфта фаъолияти он ба пурра чӣ ба роҳ монда шудааст дар рушди муносибатҳои байнибонкӣ саҳми арзанда дорад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуқтаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод шудаанд**

**Навоварии илмии тадқиқот** дар асоснокунии ҷанбаҳои назариявӣ –методии рушди низоми пардохти миллӣ ва таҳияи тавсияҳои амалӣ оид ба мукамалгардонии фаъолияти низоми пардохти миллии Тоҷикистон дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт ба ҳисоб меравад.

Натиҷаҳои муҳимтарини тадқиқот, ки унсурҳои навовариҳои илмиро инъикос мекунанд, инҳоянд:

1. Моҳияти иқтисодии низоми пардохт дар асоси тафсири муаллифии мафҳуми он, ки низоми миллии пардохтро ҳамчун яке аз ҷузъҳои муҳими инфрасохтори молиявии кишвар ва омили таъмини саривақтӣ ва бехатари пардохтҳо ва ҳисоббаробаркунӣ дар фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ ва аҳолӣ таъриф менамояд, ошкор карда шудааст. Асоснок карда шудааст, ки менеҷерҳо ва истифодабарандагони низоми пардохтӣ бояд талаботи қонунгузории амалкунандаро риоя кунанд, ки ин ба фаъолияти устувори низоми молиявии кишвар ва татбиқи сиёсати самараноки пулию қарзӣ ва буҷетӣ мусоидат намуда, рушди устувори иҷтимоию иқтисодиро таъмин менамояд;

2. Принсипҳо ва шартҳои асосии ташаккул ва идоракунии самараноки низоми пардохти миллӣ бо таваҷҷуҳ ба афзалияти беҳтар намудани вазифаҳои тақсимотии он дар раванди муомилоти захираҳои молиявӣ дар иқтисодиёт, кушодагии низоми пардохти миллӣ ва якпорчагии унсурҳои алоҳидаи он асоснок карда мешаванд, ки ба иштироки самараноки субъектҳои танзими низоми миллии пардохт ва фаъолияти устувори он дар доираи риояи меъёрҳои қонунгузории кишвар, дар асоси афзалиятҳои стратегии ноил шудан ба параметрҳои рушди устувори бозори молиявӣ, метавонанд мусоидат намоянд;

3. Самтҳои афзалиятноки ҷорӣ намудани таҷрибаи ҷаҳонӣ дар ташаккул ва такмили низоми пардохти миллӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷудо карда шудаанд, ки ба васеъ намудани хизматрасониҳои пардохтӣ, рақамикунонии амалиёти пардохтӣ, таҳия ва татбиқи низоми пардохти фаврӣ, ташаккули пардохти

рақобатпазир, бехтар намудани амнияти пардохтҳо, ҷорӣ намудани навоварӣ дар рушди инфрасохтори низоми пардохт бо назардошти ҳамкориҳои муассир бо шарикони хориҷӣ, пеш аз ҳама, бо Федератсияи Русия ва Чин, равона шудаанд;

4. Дар низоми фаъолияти низоми миллии пардохти Тоҷикистон ихтилофҳо ошкор карда шудаанд, ки ба рушди нобаробарии хизматрасониҳои пардохтӣ, аз номутобиқатии шумораи суратҳисобҳои дастрасии фосилавии шахсони воқеӣ бо суратҳисобҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ бо асъори хориҷӣ, ки аз ҷониби шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ истифода мешаванд, шаҳодат медиҳанд. Инчунин, дар таносуби суратҳисобҳои шахсони ҳуқуқӣ бо пули миллӣ ва ҳаҷми амалиётҳо тавассути системаҳои пардохтӣ (Осон, Экспресс Payment, Мигом ва ғайра), амалиёт бо кортҳои пардохтӣ ва шумораи пардохтҳои электронӣ тавассути Интернет ихтилофот мушоҳида мешавад. Илова ба ин, гирифтани пули нақд бо истифода аз системаи пардохти ғайринақдӣ, ки ҳаҷми зиёди муомилотро кортҳо ташкил медиҳанд ва мавқеъи операторони системаҳои пардохтии миллӣ аз рӯи ҳаҷми пардохтҳо тавсеаро тақозо мекунад;

5. Омилҳое, ки ба фаъолияти низоми пардохти миллӣ таъсир мерасонанд, муайян карда шуданд, аз ҷумла: кам шудани шумораи субъектҳои хизматрасониҳои пардохтӣ дар ҷумҳурӣ; суръати баланди афзоиши гардиши пули нақд нисбат ба пули ғайринақдӣ; мавҷуд будани камбудиҳо дар татбиқи сиёсати пулию қарзӣ; баланд шудани суръати таваррум дар мамлакат, кам шудани суръати афзоиши хачми умумии пардохтҳо бо назардошти таваррум; кам шудани интиқоли пул ба кишвар нисбат ба афзоиши ММД; нархи баланди хидматрасонии интернетӣ; сатҳи пасти амнияти иттилоотӣ; индекси пасти ҳукумати электронӣ ва тиҷорати электронӣ дар кишвар, ҳиссаи ками пардохтҳо тавассути телефонҳои мобилӣ дар ҳаҷми умумии пардохтҳо, кам шудани шумораи ташкилотҳои қарзӣ ва таҷҳизот барои хизматрасониҳои пардохтӣ, инчунин коҳиши ҳаҷми пардохтҳо дар фаъолияти ғайрирезидентҳо ва ғайра;

6. Самтҳои такмили идоракунии системаи пардохти миллӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти шартҳои зерин пешниҳод шудаанд:

– такмили заминаи институтсионалии фаъолияти НПМ, мусоидат ба кушод будан ва якпорчагии он;

– рушди инфрасохтори НПМ дар асоси васеътар ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ ва васеъ намудани дастрасии аҳолӣ ба системаҳои муосири пардохт;

– тавсеаи ҳамкории байнибонкӣ бо назардошти рушди интернет-банкинг;

7. Алгоритми такмили фаъолияти низоми пардохти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо таваҷҷуҳ ба рушди инфрасохтори молиявӣ ва навсозии низоми пардохти миллӣ коркард шудааст, ки ҷанбаҳои ташкилӣ, инфрасохторӣ, коммуникатсионӣ, инноватсионӣ ва иттилоотии мукаммалгардондании механизми идоракунии ҷараёни муносибатҳои молиявию иктисодии кишварро дар бар мегирад.

## Тавсифи умумии кори диссертатсионӣ

Сохтори кори диссертатсионӣ, гузориши мақсаду вазифа, натиҷагирӣ ва алоқамандии мантиқии онҳоро, тасдиқ намуда аз он шаҳодат медиҳад, ки муаллиф масъалаҳои гузошташударо амиқ дарк намуда, ҷанбаҳои таҳлили васеи муаммоҳои рушд ва такомули низоми назорати дохилӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ,аз нуқтаи назари асосҳои назаривию методологӣ дар ин самт дида баромадааст.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, баррасии натиҷаҳо, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад. Ҳаҷми умумии кор 203 саҳифаи матни компютериро ташкил дода, ки он аз расмҳо, ҷадвалҳои зиёд, рӯйхати адабиёт, ки дар ҳаҷми аз 162 номгӯй иборат аст.

**Дар боби аввал – «Консепсияҳои низоми пардохт дар илми иқтисодиёти муосир»** аз нигоҳи асосҳои назариявии ташаккули низоми пардохт, ҷанбаҳои методии идоракунии самаранокии низоми пардохтҳои миллӣ ва таҷрибаи ҷаҳонии ташаккул ва рушди низоми пардохтиаълумотҳо оварда таҳлил карда шудааст.

Зимни омӯзиши асосҳои назариявии ташаккули низоми пардохт, унвонҷӯ диққати махсусро ба ақидаю андешаҳои мактабҳои гуногуни иқтисодӣ нигаронидааст, ки мазмуни таҳлилро мукаммал ва асоснок менамояд. Дар ин замина, қайд карда шудааст, ки И. Фишшер, А. Маршал вобастагии ҳаҷми пулҳои дар иқтисодиёт мавҷуд будаproperly аз миқдори молу хизматҳо ва нархи онҳо шарҳ медиҳад. Ҳамчунин, вобаста ба масъали мазкур И. Фишер чунин меҳисобад, ки дар бахши воқеии иқтисодиёт зуҳуроти таваррумӣ метавонад ба рушди созишномаҳо мусоидат намуда, минбаъд тағйирёбии ҳаҷми пули дар

гардишбуда аз рӯйи нақша бо назардошти молу хизматрасониҳо сурат мегирад (саҳ 17).

Яке аз натиқаҳои назаррас дар диссертатсия он мебошад, ки назарияи як гурӯҳ монетаристон оид ба танзими низоми пардохт омӯхта шуда, қайд мегардад, ки афзорҳои танзими баррасинамудаи онҳо дар шароити муосир барои мудирияти низоми пардохти миллӣ зарур арзёби мегарданд (саҳ. 19). Ҳамзамон, дар диссертатсия дақиқан исбот шудааст, ки рушди иқтисодии зар як давлат аз сатҳи хизматрасонии пардохтӣ, тавассути низоми пардохт вобастагии зич дорад. Яъне, низоми пардохт аз ҷониби далватҳо мунтазам идора ва танзим карда мешавад. Низоми пардохт яке аз ҷузъҳои асосии низоми пулию қарзӣ ба ҳисоб рафта, дар асоси қоида ва шартҳои пешакӣ қабул ва тасдиқ гардида, фаъолият мекунад, ки интиқоли пулиро бо истифода аз механизму абзорҳои ташкилотҳои қарзию молиявӣ дар байни субъектони иқтисодиёт ба роҳ мемонад (саҳ. 24).

Яке аз натиҷаҳои арзишманди диссертатсия дар он ифода мегардад, ки дар натиҷаи таҳлили васеъи назарияҳо ва ақидаҳои гуногуни олимони ватанӣ ва хориҷӣ доир ба масъалаҳои низоми пардохти миллӣ, унвонҷӯ дар тавсири муаллифии худ нисбати мафҳуми "низоми пардохти миллӣ" пешниҳод намудааст, ки "низоми пардохти миллӣ яке аз ҷузъҳои таркибии муҳими инфрасохтори молиявии мамлакат буда, бо мақсади саривақту бехатар гузаронидани пардохтҳо ва ҳисоббаробаркуниҳо дар раванди фаъолияти субъектони иқтисодӣ, инчунин аҳолӣ тавассути механизми муайян ва технологияҳои иттилоотию инноватсионӣ ифода меёбад" (саҳ. 33-34).

Дар доираи таҳқиқи мазкур муайян ва исбот карда шудааст, ки низоми пардохти миллӣ яке аз унсурҳои муҳими инфрасохтори молиявӣ дар мамлакат ба ҳисоб меравад. Бо вуҷуди ин дар асарҳои иқтисоддонони кишвар низоми пардохти миллӣ ба таври бояду шояд баррасӣ карда мешаванд. Гузашта аз ин, дар санадҳои меъёрию ҳуқуқии кишвар дар самти ҷанбаҳои идоракунии самараноки низоми пардохти миллӣ, ташаккули низоми пардохти мукаммал дар заминаи таҷрибаи муосири ҷаҳонӣ масъалаҳои ҳалталаб боқӣ мондаанд. Аз ин лиҳоз, ҷанбаҳои методии ташаккули низоми пардохти миллӣ ва рушди он таҳқиқи амикро бо назардошти таҷрибаи ҷаҳонӣ талаб менамояд (саҳ. 51).

Дар диссертатсия муаллиф диққати махсусро ба таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ оид ба ташаккули фаъолияти низоми пардохт нигаронидааст. Дар натиҷа, ҷиҳати рушди низоми пардохти милии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳодҳои илман асоснокгардида пешниҳод овардашудаандба монанди ташаккули низоми пардохти миллӣ, ки хизматрасониҳои пардохтиро барои кулии соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ ба таври ғайринақдӣ пешниҳод менамояд; вусъат бахшидани рақамикунонии амалиётҳои пардохтӣ ва низоми пардохт, коркард ва амалигардонии низоми пардохтҳои миллии фаврӣ; рушди бозори пардохтии рақобатпазир, ҳифзи ҳуқуқи истифодабарандагони хизматрасониҳои пардохтӣ, фароҳам овардани шароит, мусоидат ба татбиқи инноватсияҳо дар соҳаи хизматрасониҳои пардохтӣ ва дар маҷмуъ инфрасохтори молиявӣ (саҳ. 75).

**Дар боби дуюм – «Таҳлили ва арзёбии ташаккули низоми пардохти миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** ҳолати муосири ташаккулёбии низоми пардохти милллӣ, омилҳои таъсиррасон ба рушди низоми пардохти миллӣ ва баҳодиҳии идоракунии низоми пардохт дар шароити рақамикунонии иқтисоди милли ташкил карда шудааст.

Дар боби дуюм саҳми таҳилҳои муаллиф арзишманд буда, доир ба масъалаи таҳлилшаванда қайд мегардад, ки фаъолияти низоми пардохти миллӣ дар асоси муносибатҳои тарафайни иштирокчиёни он бо шартномаҳои тарафайн ба танзим даровarda мешаванд. Иштирокчиёни низоми пардохтӣ дар кишвар чунин сохторҳоро ба монанди БМТ, ташкилотҳои қарзии молиявӣ, Сарраёсати Хазинадории Марказии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дарбар мегирад.

Дар ҷадвали 2.1.1. феҳрасти номгӯи низомҳои пардохтӣ ва операторони онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудааст, ки дар он таҳлили ҳаматарфа аз ҷониби муаллифи диссертатсия анҷом дода шудааст. Муайян карда шудааст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 11 адад номгӯи операторҳои низоми пардохт изоҷатномаи фаъолияти ҳисоббаробаркунӣ ва хизматрасонии пардохтиро байни субъектҳои иқтисодӣ доранд, ки аз онҳо чортояшон “ Корти миллӣ”, “Атлас-пэй”, “Express-Pay” ва “Осон” низомҳои пардохти ватанӣ мебошанд, ки соҳибмулкашон резидентҳои кишвар ба ҳисоб мераванд (саҳ. 77).

Яке аз натиҷаҳои арзишманди диссертатсия, дар он зоҳир мегардад, ки ташаккули низоми пардохти миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нишондиҳандаҳои васеи он аз ҷониби муаллиф таҳлил карда шудаанд. Дар ин самт, исбот шудааст, ки дар давраи муосир дастрасӣ ба суратҳисобҳои бонкии фосилавӣ нисбат ба миқдори умумии суратҳисобҳо ҳамаги 72%, аз ҷумла тавассути телефони мобилӣ 19% ва интернет 11% - ро ташкил медиҳанд. Барои таъмини рушди устувори иқтисодиёти миллӣ истифодаи пурраи имкониятҳое, ки низоми пардохт барои шахсони ҳуқуқӣ таъмин месозад, бояд роҳандозӣ карда шаванд (саҳ. 86).

Арзишмандии натиҷаҳои дигари диссертатсия, дар он ифода мегарданд, ки дар шароити муосир ҳамаи омилҳое, ки ба тараққиёти низоми пардохти миллӣ таъсири зиёд мерасонанд, аз ҷониби муаллиф дар асоси таҳлилҳои васеи нишондиҳандаҳои соҳаи мазкур ба се қисми асоси гурӯҳбандӣ шудаанд: тағйиротҳои институтсионалӣ-сохторӣ дар низоми бонкӣ вобаста ба тағйирёбии шумора ва намудҳои ташкилотҳои молиявӣ, ташаккули маҳсулотҳои нави бонкӣ ва хизматрасониҳои бонкӣ, ҷаҳонишавии бозорҳои молиявӣ ва ғайра ба вуҷуд меоянд; раванди ҷорӣ кардани технологияҳои нави иттилоотӣ, ки воқеан имкон медиҳанд зудӣ, эътимоднокӣ ва самаранокии низоми пардохт баланд бардошта шавад; вусъат ёфтани мақоми Бонки миллии Тоҷикистон дар танзими низоми пардохтӣ ва таъсиррасонӣ ба он (саҳ. 99).

Дар раванди таҳлил, дақиқан исбот шудааст, ки омилҳои таъсиррасон ба рушди низоми пардохти миллӣ таъсирҳои манфию мусбии худро мерасонанд. Муаллифи диссертатсия доир ба ин, чунин ибрози андеша дорад, ки сатҳи индекси нархи молҳои истеъмолию ғайриистеъмолӣ, ки ҳамчун нишондиҳандаҳои таваррум истифода мегарданд, низ дар соли 2022 дорои калавишҳо буданд. Сатҳи таваррум ба афзоиши ҳаҷми пардохтҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳам ба таври манфӣ ва ҳам мусбӣ таъсири назаррасро ба низоми пардохт мерасонад. Инчунин, боло рафтани сатҳи таваррум боиси бештар истифодаи ҳаҷми пулҳо ва афзоиши пардохтҳо дар иқтисодиёти миллии Тоҷикистон мегардад, ки онро "мусбат" метавонем арзёбӣ намоем. Лекин, боло рафтани сатҳи таваррум боиси коҳиши суръати рушди иқтисодиёти миллӣ гашта ба коҳиши пардохтҳо низ сабаб мегардад ва баръакс ( саҳ. 107).

Муаллифи диссертатсия исбот намудааст, ки омилҳои зикршуда ба низоми пардохтӣ ва хизматрасониҳои пардохтӣ таъсири бевосита расонида, бояд дар раванди рушди иқтисодиёти инноватсионӣ ва рақамӣ дар кишвар бо истифодаи васеи технологияи иттилоотӣ дар давраи миёна ва дарозмуҳлат имкониятҳои истифоданашуда ва навро барои таъмини рушди устувори иқтисодиёти миллӣ ва рақобатпазирии он фароҳам оваранд (саҳ.111).

Дар диссертатсия муаллиф диққати худро аз нуктаи назари методикаи таҳлил ба арзёбии раванди танзими низоми пардохтӣ ва таҳлили заминаҳои меъёрию ҳуқуқӣ нигаронидааст. Ҳамзамон, индекси амнияти иттилоотӣ таҳил карда шудааст, ки вобаст ба натиҷаи таҳлил, муаллиф қайд мекунад, ки индекси амнияти иттилоотӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки ҳоло кишвари мо аз ҷиҳати таъмини амнияти кибернетикӣ ва истифодаи пардохтҳои ғайринақдӣ рушд накардааст ва дар ин самт низ бояд чораҳои иловагӣ андешида шаванд (саҳ. 115).

Саҳми назаррас ва арзишмандии муаллифи диссертатсия дар он мебошад, ки низоми пардохти миллӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёти кишвар тадриҷан такомулро тақозо менамояд ва бояд дар давраҳои мутобиқ ба Консепсияи рақамикунонии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи соли 2040 амалӣ карда шавад. Дар самти идоракунии НПМ ба ақидаи муаллиф, пеш аз ҳама истифодаи технологияи иттилоотӣ, шабакаи Интернет, таъмини амнияти иттилоотӣ, пардохтҳои электронӣ, миқдори банкомат ва терминалҳо, инфрасохтори НПМ дар меҳвари диққати мақомоти давлатӣ, аз ҷумла мақомоти танзимкунанда (БМТ) ва операторони низоми пардохт дар Ҷумҳурии Тоҷикистонбояд қарор гирад (саҳ. 124).

**Дар боби сеюм - «Стратегияи таъмини рушди низоми пардохти миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** самтҳои асосии такомули идоракунии низоми пардохти миллӣ, такмили асосҳои институтсионалии низоми пардохт миллӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ ва дурнамои рушди низоми пардохти миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон батаври аниқпешниҳод карда шудаанд ( саҳ. 127-177).

Боби мазкур натиҷаҳои илман асоснок гардидаро, дар бар грифта, дастоварди илмии диссертатсия ифода менамояд. Зимнан, дар диссертатсия исбот шудааст, ки вазъи муосири низоми пардохти миллӣ аз бисёр ҷиҳат аз натиҷаи татбиқи стратегияҳои рушди НПМ,

ки дар давраҳои мухталиф таҳия ва амалӣ шудаанд, хусусан Стратегияи тараққиёти НПМ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраҳои солҳои 2014-2020 вобаста буд. Аз ин лиҳоз, дар раванди татбиқи стратегияи тараққиёти НПМ то давраи соли 2020 заминаҳои қонунгузории НПМ назаррас такомул ёфта, шароити нисбатан мусоид барои хизматрасониҳои пардохтӣ дар кишвар фароҳам оварда шуд. Тибқи Стратегияи тараққиёти НПМ Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 унсурҳои асосии инфрасохтори низоми пардохт ташаккул ёфтаанд. Инчунин, дар ин давра Низоми пардохти миллии «Корти миллӣ» такомул ёфта, низоми коркарди пардохтҳои калонҳаҷм ва фаврӣ, ки қисмати муҳими низоми пардохти миллӣ мебошад ва зимни он дар бисёр ҳолатҳо ҳисоббаробаркуниҳои маҷмуӣ дар реҷаи вақти воқеӣ (ҲМРВВ) амалӣ мегарданд дар кишвар рушд ёфт (саҳ. 127).

Аҳамияти махсуси илмию амалиро андешаҳои муаллиф дар самти идоракунии рушди НПМ ташкил медиҳад. Андешаҳои худро  илман исбот намуда,муаллиф қайд кардааст, ки яке аз самтҳои муҳими идоракунии рушди НПМ дар шароити муосир қонеъгардонии талаботи муштариёни хизматрасониҳои пардохтӣ ва пешниҳоди миқдори зиёди воситаҳои самарабахшу боэътимоди пардохт мебошад. Бо назардошти ҳадафҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти рақамикунонии иқтисодиёти миллӣ дар кишвар тавассути технологияи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ аз рӯйи пардохтҳои чакана имконияти таъсир расонидан ба ҳаҷми пардохтҳои ғайринақдӣ мавҷуд мебошанд.

Аз ҷониби муаллиф муҳим арзёбӣ гардидааст, ки дар кишвар такомули татбиқи технологияҳои худхизматрасонии самарабахш ва хизматрасониҳои фосилавии бонкӣ дар заминаи шабакаи глобалии компютерии Интернет, телефонҳои мобилӣ ва ғайра бояд амалӣ карда шавад. Истифодаи пулҳои электронӣ, интернет ва пардохтҳои мобилӣ дар сурати ҳалли вазифаҳои рақамикунонии иқтисодиёти миллӣ ба оммавӣ ва дастраси кулли табақаҳои аҳолӣ гардидани хизматрасониҳои пардохтиро дар бар мегирад (саҳ. 132).

Андешаҳои муаллиф  дар самти идоракунии низоми  пардохти миллӣ муҳим буда, истифода амалии онҳо сатҳи рушднокии низоми мазкурро таъмин мекунанд. Бо далелҳои мушаххаси илмии, муаллиф пешниҳод менамояд, ки идоракунии низоми пардохти миллиро дар

доираи чунин самтҳои алоқаманд ва калидии идоракунии низоми мазкур метавон дар оянда ноил гардид:

- рушди танзимоти давлатӣ ва бозории низоми пардохти миллӣ;
- рушди унсурҳои инфрасохтори низоми пардохти миллӣ;
- рушди рақобат ва технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ дар бозори хизматрасониҳои пардохтӣ (саҳ. 138).

Яке аз натиҷаҳои муҳими илмӣ ва арзишмандии диссертатсия он мебошад, ки муаллиф бо истифода аз модели пешбинии якомила дар диссертатсия ҳаҷми пули барои мумоиллот заруррортро то давраи соли 2020 пешгӯӣ намудааст.(саҳ.164-166).

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ, инчунин тавсияҳое, ки аҳамияти назариявӣ-амалӣ доранд, дар хулоса ва пешниҳодҳо оварда шудаанд (саҳ. 176-180).

**Асоснокӣ ,эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои зикршуда дар диссертатсия**

Ақидаҳои асосии назариявӣ-методӣ, асосноккунии ҷанбаҳои назариявӣ - методии рушди низоми пардохти миллӣ ва таҳияи тавсияҳои амалӣ оид ба мукамалгардони фаъолияти низоми пардохти миллии Тоҷикистон он саҳмгузор мебошанд.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия бо назардошти таҳлилу арзёбиҳои гузаронидашуда, кофӣ будани ҳаҷми кори диссертатсионӣ, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва таълифоти муаллиф эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро тасдиқ менамояд. Дар амалия хулоса ва тавсеаҳо барои татбиқи натиҷаҳои кори диссертатсионӣ ва дар асоси таҳлили илмӣ ҷанбаҳои назариявию таҷрибавӣ бароварда шудааст, ки аз эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот дарак медиҳад. Дар хулоса натиҷаҳои асосии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ оварда шуда буда, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо дар асоси таҳлили натиҷаҳои илмӣ-амалии таҳқиқот низ пешниҳод гардидаанд.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо**

**Аҳамияти илмии** таҳқиқоти диссертатсионӣ дар асосноккунии назариявӣ ва методии такмили механизми низоми пардохти миллӣ дар асоси консепсияҳои муосири иқтисодӣ зоҳир мешавад. Дар диссертатсия аз ҷиҳати назариявӣ мундариҷаи иқтисодии мафҳуми

“низоми пардохт” ва “низоми пардохти миллӣ” таҳқиқ шудаанд. Равишҳои танзими низоми пардохти миллӣ ва унсурҳои таркибии он аз ҷиҳати назариявию методӣ шарҳ дода шудааст; ҳамчунин механизми такмили низоми пардохти миллӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз лиҳози мукаммалгардонии заминаҳои қонунгузорию меъёрӣ баррасӣ гардида, роҳҳои рушди низоми пардохти нисбатан мукаммал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудааст.

**Аҳамияти амалии кори диссертатсионӣ** дар он зоҳир мегардад, ки пешниҳод ва тавсияҳои дар диссертатсия коркардшударо ба сифати воситаи тасҳеҳи сиёсати пулию қарзӣ, ба мақсади боз ҳам такмил додани механизми амалии низоми пардохти миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурдан мумкин аст. Пешниҳодҳои мушаххаси муаллифро ҳангоми таҳияи лоиҳаи стратегию барномаҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти тараққиёти низоми пардохти миллӣ истифода бурдан мумкин аст.

**Аҳамияти иқтисодии натиҷаҳои диссертатсия** дар он аст, ки пешниҳодҳои оварда шуда метавонанд ба рушди низоми пардохти миллӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт ва такомули он мусоидат намоянд, киба ҳамин тариқ низоми мазкур, рушд ва фаъолият устувор дошта бошад. Фаъолияти устувори низоми пардохт, амнияти иқтисодии бозори молиявиро таъмин намуда, иқтидори бахши бонкиро афзоиш дода, самарнокии иқтисодиёти миллро афзун мегардонад. Ҳамчунин, тадбиқи натиҷаҳои диссертатсия ба афзоишёбии ҳаҷми пардохтҳои ғайринайдӣ мусоидат намуда, абзорҳои онҳоро такмил дода, рушди инфорасохтори молиявии кишварро таъмин гардонида, сатҳи пулҳои накдиро ба танзим даровардa, таваррумро идора менамояд.

**Аҳамияти иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия**. Муқароротҳои диссертатсия барои васеъ намудаи аҳамияти иҷтимоии низоми пардохти миллӣ мусоидат мекунад. Яъне, ба аҳолии кишвар имконият медиҳанд, ки пардохтҳои иҷтимоиро бе ташрифоварӣ ба биноҳои бонкҳо, бе интизорӣ дар навбатҳо ва бо сарфаи вакт бо тaври ғайринакдӣ амалӣ намоянд. Ҳамчунин, имконият фароҳам оварда мешавад, ки иқтисодиёти ғайрирасмӣ дар соҳаи иҷтимоӣ коҳиш ёфта, механизҳо ва абзорҳо фаъолияти соҳаи мазкурро такомул дода шуда, самаранокии мудирияти пулҳои соҳаи иҷтимоиро боло баранд.

## Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ

Мақолаҳои нашршудаи муаллиф таркиби асосии рисолаи диссертатсияро фаро гирифта, аз 11 мақолаи илмӣ дар умум 4,5 ҷузъи чопӣ (аз ҷумла 3,2 ҷузъи чопӣ аз муаллиф) иборат мебошад, ки аз он 5-то дар маҷаллаҳои пешбари илмӣ, ки аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд, нашр гардидаанд. Инчунин, муҳтавои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конфронсҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ баррасӣ гардидаанд.

Натиҷаҳои муҳими таҳқиқот аз тарафи Шуъбаи минтақавии Бонки миллии Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд (маълумотномаи № 12 аз 13.01.2023) истифода бурда шудааст. Инчунин, дар ҷараёни таълим ҳангоми омӯзиши фанҳои ташкили фаъолияти Бонки миллӣ, ташкили фаъолияти бонки тиҷоратӣ, фаъолияти бонки амонатӣ, фаъолияти бонкӣ, танзим ва назорати асъор ва менеҷменти бонкӣ дар Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (маълумотномаи № 61 аз 16.01.2023) истифода шудааст.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия**

Диссертатсияи тақризшаванда мутобиқ ба муқаррароти бандҳои дахлдори «Низомномаи шурои диссертатсионӣ» ва «Тартиби додани унвонҳои илмӣ» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 30 июни соли 2021, № 267) омода гардида, муқаддима ва бахшҳои он - мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқоти мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ, мақсад, вазифаҳо, объект ва предмет, фарзия, асосҳои назариявию методологӣ, сарчашмаи маълумот ва пойгоҳи таҳқиқот, навгониҳои илмӣ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои он, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи иҳтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия ба таври мукаммал моҳияти диссертатсияро дар бар гирифтаанд ва асосҳои илмию амалии онро дар сатҳи зарурӣ инъикос менамоянд. Ғайр аз ин, меъёрҳои дигари диссертатсия нисбат ба ҳаҷм, истифодаи ҷадвал ва расмҳо, тартиби нигориши феҳристи адабиёт низ ҳангоми навиштани диссертатсия риоя гардидаанд.

Диссертатсия ба талаботҳои «Низомномаи шурои диссертатсионӣ» ва «Тартиби додани унвонҳои илмӣ» аз 30 июни соли 2021, № 267, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, ҷавобгӯй мебошад.

## Хулоса

Дар қатори бартариятҳо таҳқиқоти диссертатсионӣ дорои норасоиҳо низ мебошад, ки ба онҳо дохил мешаванд:

1. Дар саҳ. 33 муаллиф дар асоси омӯзиши асарҳои мухталифи олимони ватанию хориҷӣ, тафсири муаллифии худро доир ба мафҳуми “низоми пардохти миллӣ” пешниҳод кардааст, ки аз нуқтаи назари рақамикунони иқтисодиёт таҳрирро талаб менамояд.
2. Дар боби якуми диссертатсия ҷанбаҳои назариявии низоми пардохти Ҷумҳурии Тоҷикистон (корти миллӣ) ба тариқи васъ дида баромада нашудааст нашудааст. Ҳамчунин, ҷадвалҳое, ки дар боби мазкур,шудаанд ба назар сарчашмаи таҳияашон нишон дода нашудааст, танҳо таҳияи муаллиф ба назар мерасад.
3. Дар ҷалвали 2.1.1 номгӯи низомҳои пардохтӣ ва операторони онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудааст, ки абзор ва механизмҳои онҳо таҳлил нашудаанд (саҳ. 77).
4. Дар ҷадвали 2.1.10 динамикаи унсурҳои пулӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2017-2022 таҳлил карда шудааст. Ченаки тағйирёбӣ бо “фоиз” ишора гардида, таҳлил бо ченаки “маротиб” гузаронида шудааст, ки ислоҳро талаб мекунад (саҳ.96).
5. Дар боби дуюми диссертатсия ҷадвалҳои зиёду гуногун бо нишондиҳандаҳои рушди низоми пардохти миллӣ, пешниҳод гардидаанд, ки онҳо аз нуқтаи назари таҳияи ҷадвалҳо таҳрири худро талаб менамояд.
6. Мултипликатори унсури пулии М4 (ҷадвали 2.1.11. саҳ 97) дар диссертатсия таҳлил гардидааст. Хуб мешуд, ки дар баробари таҳлили ин нишондиҳанда, сатҳи монетизатсяи иқтисодиёт омӯхта шуда, ба диссертатсия аз рӯи мазмун ва мундариҷа мусоидат менамояд.
7. Дар саҳ. 133 диссертатсия фаъолияти Палатаи автоматишудаи клирингӣ таҳлил карда шудаст. Хавфҳои молиявие, ки ба фаъолияти ин палата таъсиргузор мебошанд, возеҳ таҳлил карда нашудаанд.
8. Дар боби охирони диссертатсия бо истифода аз модели пешбинии якомила, ҳаҷми пули барои муомилот зарур то давраи соли

2030 пешгӯӣ карда шудааст. Хуб мешуд, ки моделҳои бисёромила истифода мешуданд, ки ин ҳолат ба дасрас гаштан ба натиҷаҳои дақиқтар мусоидат менамояд.

Бояд қайд намуд, ки камбудиҳои номбаршуда ба мазмуну муҳтавои диссертатсия таъсири ҷиддӣ намерасонанд ва сатҳи назариявию амалии онро коҳиш намедиҳанд.

Автореферат ва корҳои нашркардаи муаллиф таркибу мундариҷаи асосии диссертатсия ва навгонии илмии онро таҷассум мекунанд. Диссертатсия сохтори мантиқан мукаммал дошта, натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф арзиши илмӣ доранд ва метавонанд дар такомули низоми пардохти миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон васеъ истифода бурда шаванд.

Бо ибрози чунин андешаҳо, гуфтан мумкин аст, ки диссертатсияи Ҳалимов Иномҷон Мамадҷонович дар мавзуи “Рушди низоми пардохти миллӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт”, аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз дар сатҳи зарурӣ омода гардида, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи бандҳои 31, 33, 34, 35 “Тартиби додани унвонҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами 267 аз 30 июни соли 2021 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси номбурда мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
**дотсенти кафедраи молия ва андози**
**МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд**
**ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ** Бобоев Н.М.

**Имзои дотсент Бобоев Н.М.-ро тасдиқ менамоям:**

**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд**
**ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»** Наврузов Э.М.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

Ҷумҳурии Тоҷикистон, 735700, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1,
Сомонаи расмӣ: https://www.hgu.tj/ E-mail: aspirant-2012@mail.ru
Тел: (+992 92) 804-16-16